# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҚАРОР

Дар бораи гузаронидани иммунизацияи оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо мақсади гузаронидани чорабиниҳо оиди рафъи бемории фалаҷ дар доираи "Амалиёти МЕКАКАР" таҳти сарпарастии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ, инчунин давраи дуюми иммунизацияи аҳолии ҷумҳурӣ ба муқобили фалаҷ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Моҳҳои апрель-маи соли 1996 моҳҳои иммунизацияи оммавии аҳолии ҷумҳурӣ элон карда шаванд.

2. Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Ҳукумати ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар мӯҳлати муайяншуда гузаронидани иммунизацияи оммавии аҳолиро таъмин намояд.

3. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати маблағгузории тадбирҳои иммунизацияи оммавии аҳолӣ 26,3 миллион рубл ҷудо кунад.

4. Ширкати давлатии "Тоҷикнефтепродукт" мувофиқи замима ба Вазорати тандурустӣ ва мақомоти он дар маҳалҳо ҷудо кардани сӯзишворию равғанҳои молиданиро дар назар гирад.

5. Вазорати ғаллаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабаби гузаронидани иммунизация ба Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мақсадҳои санитарию гигиенӣ шаш тонна спирт ҷудо кунад.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 30 апрели соли 1996, № 177
ш.Душанбе